**ТАҚРИЗ**
**ба автореферати диссертатсияи Бобоев Ҷурабой Абдусаломович дар мавзӯи: “Гулсангҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника**

Маълумотҳое, ки аз ҷониби муаллиф дар диссертатсияи ӯ оварда шудаанд, дар ҳалли илман асосноки масъалаҳои ҳифзи табиат, мониторинги экологӣ, муайянкунии заминларзаҳои таърихӣ метавонанд истифода шаванд. Таҳқиқотҳои лихенологӣ дар омӯзиши харобшавии системаҳои табиӣ, камшавии гурӯҳҳои гуногуни таксономӣ, ки дар натиҷаи таъсири рӯзафзуни омилҳои антропогенӣ ба амал меоянд, аҳаммияти калон доранд. Таҳқиқоти флористӣ барои чунин корҳо ҳамчун асос хизмат мекунанд. То ҳол таҳқиқоти мушаххас оид ба систематика, география, экология ва шаклҳои хаётии гулсангҳо дар минтақаи омӯзиш вуҷуд надоштааст, яъне таҳқиқоти Бобоев Ҷурабой икдоми нахустин мебошад. Омӯзиши тақсимоти географии муосири намудҳои гулсангҳо, донистани хусусиятҳои ареалӣ, гурӯҳбандӣ ва таснифоти онҳо таркибҳои асосии таҳлили флоравӣ мебошанд. Муаллиф дар таҳлили географӣ 8 гурӯҳи намудии гулсангҳоро ҷудо намудааст: арктоалпикӣ, гипоарктомонтанӣ, бореалӣ, неморалӣ, аридӣ, кӯҳию аридӣ, монтанӣ ва алпикӣ.

Таҳқиқи намудҳои флораи гулсангҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ва таҳлили хусусиятҳои систематикӣ, таксономӣ ва экологии онҳо аҳаммияти назариявӣ дорад. Аҳаммияти умумибиологии он дар тақсимшавии намудҳо дар қабатҳои ҷойгиршавии набототи он дар биотопҳои гуногун дида мешавад.

Натиҷаҳое, ки Бобоев Ҷурабой ба даст овардаст, дар гузаронидани корҳои омӯзишӣ доир ба лихенофлораи Тоҷикистон ва Осиёи Миёна истифода бурда мешаванд. Маводҳо доир ба таркиби намудии гулсангҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор имконият медиҳанд, ки китоби муайянкунандаи гулангҳои Тоҷикистон тартиб дода шавад. Ин кор истифодабарии гулсангҳоро дар мониторинги экологӣ осон менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми омӯзиши курси махсус доир ба лихенология, микология, экология ва ботаника дар факултетҳои биологии муассисаҳои таҳсилоти Олӣ истифода мешаванд.

Бинобар ин баъди аз назаргузаронии автореферат маълум гардид, ки кор аз хатогиҳои имлоӣ ва маъногӣ холӣ нест, лекин ба ин камбудиҳо нигоҳ накарда рисола ба талаботи КОА ҷавобгӯ буда, муаллиф Бобоев Ҷ.А. барои дарёфти номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника сазовор мебошад.

Кафедраи ботаникаи
Донишгоҳи давлатии Самарқанд PhD. Норкулов Маъсуджон
ба номи Шароф Рашидов Маъруфович

Имзои Норкулов М.-ро тасдиқ менам
Сардори шӯъбаи кадрҳои Абдуллоева Ситора
Донишгоҳи давлатии Самарқанд Хуррамовна
ба номи Шароф Рашидов 1.02.2023

140104, ш. Самарқанд хиёбони
Донишгоҳ 15.
Тел: + (998) 91 5310410:
Email: n-masudjon@samdu.uz